# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

Комиссиям экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Т.Д. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Обидов Ф.С. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шамсов И.С (аъзо), ки бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таъсис дода шуда, диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷоновичро дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», таҳқиқоти шахсии докторанти фалсафа (Ph.D) ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия таълуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ инъикос гардидааст. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар дар шароити ташаккул, омӯзиш ва зинаҳои ташаккулу рушди принсипҳо ва усулҳои такмили механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва тавсеаи шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ташкил медиҳанд, дарбар гирифтааст.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 51 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (минбаъд - Низомнома)) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар кафедраҳои "Менеҷмент ва маркетинги" ва "Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ" муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия тибқи талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (минбаъд - Тартиб) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи менеҷмент ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода гардидааст.

Диссертатсия фарогири масъалаҳо оид ба рушди шаклҳои шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи бандҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

4. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, таҳти №350(бо тағйиру иловаҳо аз 28 феврали соли 2023, таҳти №45/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, пурра мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати

комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷалла (нашрия)-ҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмуни диссертатсияи бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиб ҷавобгӯ мебошад.

6. Дар диссертатсияи ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

7. Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомнома пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

Бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ба диссертатсия муқарризони расмӣ дар ҳайати мутахассисони зерин таъйин карда шавад:

– Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Муртазозода Ораз, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Низомова Т.Д.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Обидов Ф.С.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ **Шамсов И.С.**